# СОҲИБКОРИИ ҶАВОНОН БОИСИ ИМКОНОТИ ВАСЕЪИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

**Ҷӯраев Кабирҷон Каримҷонович, унвонҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (муовини аввали Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон)**
**Миралиев Қиёмиддин Абдусалимович, номзади илмҳои сиёсӣ, (Мудири Шӯъбаи сиёсати иҷтимоии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

Дар шароити гузариш ба ҷомеаи демократӣ, ки сохти иқтисодиёти кишвар иқтисоди бозоргонӣ мебошад ба роҳ мондани фаъолияти васеъи соҳибкорӣ мувофиқи мақсад аст. Дар шароити Тоҷикистон, ки аз нигоҳи аҳолӣ яке аз кишварҳои ҷавонтарини ҷаҳон (бо синнусоли миёнаи аҳолӣ 24,7 сол)[1] мебошад ташаккул додани системаи дастгирии соҳибкории ҷавонон ба рушдёбии иқтисодиёти устувори кишвар метавонад боис гардад.

Дар асл мафҳуми соҳибкорӣ, ин соҳиби кори хусусӣ будан аст, ки даромади софро бар ивази заҳмати зиёди фикриву ҷисмонӣ талаб менамояд.

Аввалин маротиба калимаи «соҳибкор» дар Луғати умумии тиҷоратӣ, ки дар соли 1723 дар ш.Париж, ки он ба маънои одами «ба худ ӯҳдадории истеҳсол ва сохтмониро гирифта» ифода ётааст, рӯйи хат омадааст.

Мафҳуми илмии калимаи «соҳибкор» бошад, дар кори таҳқиқотии иқтисодчии англис Ричард Кантилон маънидод гардидааст. Ӯ ба сифати соҳибкор шахси дар шароити таввакал коркунандаро, аз қабили тоҷирон, хоҷагидорон, фермерҳо ва ғайра, ки бо нархи муайян чизе харидорӣ менамоянду ва нархи фурӯши он номуайян мемонад, мефаҳмид.[2]

Воқеан ҳам дар шароити имрӯза шахсе, ки ба коре мустақилона машғул аст ва натиҷа аз он даромади соф ба даст меорад ва он кор ба манфиати давлату ҷамъият аст, соҳибкор мебошад.

Умуман фаъолияти соҳибкорӣ ба якчанд навъҳо ҷудо мешавад, вале барои Тоҷикистон бо дарназардошти шароити иқтисодӣ амалӣ

---

[1] Омори сиёсати давлатии ҷавонон - 2008
[2] Реферат: История возникновения и развития предпринимательства, 2008

гардонидани соҳибкории хурд мувофиқи мақсад аст, аз ҷумла, нисбат ба насли ҷавон, ки аксариятро ташкил медиҳад.

Ҷаҳони ҷавонӣ фазоест, ки шахс дар он ҳамеша дар ҷустуҷӯ буда ба корҳои муайяну номуайян ёзанда мебошад. Ёзанда ба ҳамагуна фаъолияте, ки содда аст ва дастрасии он сабук ва осон аст. Яъне, дар аксар мавридҳо шахси ҷавон оқибати роҳи пешгирифтаашро андеша намекунад ва қобилияти таҳлилӣ, баррасӣ ва ҳазми онро низ надорад.

Аз ин рӯ, барои шахси ҷавон дар оғози фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидан ба соҳибкории хурд, ки камхарҷ ва тездаромадаст мувофиқи мақсад аст.

Барои ин шахси ҷавонро мебояд ҳануз аз даврони кӯдакӣ тарбия намуд, ки инҷо масъули асосӣ оила, мактаб ва дигарон мебошад.

Мутаасифона имрӯз дар Тоҷикистон теъдоди ангуштшумори оилаҳое мавҷуданд, ки фарзандони худро дар рӯҳияи иқтисоддонӣ тарбия мекунанд. Аксарият вобаста ба таҳлилҳои философӣ ба вақтгузаронӣ ва интизории (умедвории) мантиқан беасос машғул мебошанд, ки оянда шояд фарзанди ба воя мерасида манфиатовар ба оила ва ҷомеа гардад.

Мактаб низ, ки манбаъи асосии таълимот ва маълумот аст аз ин вазъият дур мондааст. Ҳануз қисми зиёди мактабҳои таҳсилотӣ аз рӯи барномаҳои анъанавӣ (аз даврони шӯравӣ боқимонда) таълим медиҳанд. Теъдоди мактабҳои таҳсилотии аз рӯи барномаҳои навин таълимдиҳанда ба монанди гимназияҳо, литсейҳо ва коллеҷҳо акнун дар афзоишанд ва теъдоди ниҳоят камро дар кишвар ташкил медиҳанд.

Дар баробари ин, ҳавасмандии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ нисбат ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ кам ба назар мерасад, дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳато чунин таваҷӯҳ назарнорас аст. Дар ҳоле, ки дар шароити иқтисоди бозоргонӣ хазинаи буҷаи давлатӣ асосан аз ҳисоби соҳибкории устувор метавонад пур гардад. Дар ин ҷо сабабҳо бисёранд, аз камфаъолии масъулин сар карда то паст будани сатҳи дониш ва фаҳмишу дарк кардани таъсирнокӣ ва манфиатнокии фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби онҳо мебошад.

Яке аз мушкилоти, камфаъолии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ин шинос набудани соҳибкорон ба системаи харидории байналмилалӣ мебошад, чунки бо истифода намудани тартибҳои махсусан муқарраргардидаи хариди мол, кор ва хизматрасонӣ шахси соҳибкор ва ё дилхоҳ ташкилот метавонад аз 10 то 50% гардиши маблағгузориро сарфа намуда ва сифати корро дар фаъолият таъмин созад. Масалан: дар Ҷумҳурии Белорусия мавриди амалиёти хариди давлатӣ дар шашмоҳаи аввали соли 2009 бо истифода намудани тартиби харидорӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2008 13,7% маблағгузорӣ сарфа гардидааст. Яъне, ба роҳ мондани принсипҳои харидорӣ чи ба мақомоти давлатӣ ва чи ба доираи тиҷоратӣ имконияти беҳтарини сарфа кардани маблағгузории фаъолиятро таъмин менамояд[3].

Новобаста аз ин дар самти ташаккул ва рушди соҳибкорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табирҳои зарурӣ андешида шудааст, ки боиси дастгирист. Ва қадами оянда бо даранзардошти шароити кунунӣ вақти он расидааст, ки системаи махсуси дастгирии соҳибкорӣ, аз ҷумла, соҳибкории ҷавонон бо хизматрасонии маҷмӯӣ ба роҳ монда шавад. Системае, ки аз ҷабҳаҳои зерини фаъолият иборат бошад:

1. Дастгирии мунтазами соҳибкории ҷавонон, аз ҷумла соҳибкории навташкил;

2. Иштироки фаъолонаи масъулони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои тиҷоратӣ дар ташаккулёбӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории ҷавонон;

3. Танзими амалиётҳои харидории соҳибкорон тариқи ба роҳ мондани тартиби (механизми) махсуси харидорӣ, ки ба таъмини сифати кор ва сарфа кардани маблағҳои ҷалбкарда ва даромадкарда боис мегардад.

[3] Источник: http://bdg.by

Барои ин зарур аст, ки чораҳои зерин андешида шаванд:

1. Ба тавсиб расонидани Барномаи махсуси давлатӣ оид ба дастгирии соҳибкории ҷавонон;

2. Муқаррар намудани имтиёзҳои махсуси андозбандӣ барои соҳибкории ҷавонон, аз ҷумла ба соҳибкории навташкил бо дарназардошти бозори меҳнат;

3. Таъсиси махзани иттилоотӣ оид ба бозори меҳнат ва харид ва дастрасии он ба соҳибкорон ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти самараноки корӣ;

4. Сафарбар намудани намояндагони масъули мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро ба таҷрибаомӯзӣ ба кишварҳои дорои таҷрибаи амалӣ вобаста ба қабули қарорҳои дахлдор ва муайян намудани роҳу усулҳои ҷалби маблағгузорӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ дар маҳалҳо;

5. Таъсиси марказҳои махсуси омӯзишӣ ва таҳқиқии фаъолияти соҳибкорӣ дар марказҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва ҷалби соҳибкорони ҷавон, аз ҷумла ба соҳибкорони навташкил барои такмили ихтисос;

6. Мусоидат ба омӯзонидани соҳибкорон ба малакаҳои хариди мол, кор ва хизматрасонӣ тариқи тартибҳои муқарраргардидаи байналмилалӣ ва маҳалӣ.